«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав», д.и.и., профессор
_____________ Қурбонзода М.Р.
«_14_» _октябри_ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба кори диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи донишгоҳ Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Ба таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Гулзода Рамазон Боймаҳмад 07.03.1994 дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 2017 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро хатм намуда, аз соли 2017 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён ба кор шуруъ кардааст. Гулзода Р.Б. айни ҳол дар кафедраи психологияи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» ба ҳайси омӯзгори фанни психология фаъолият дорад. Гулзода Р.Б. аз 27.05.2022 то инҷониб барои пеш бурдани корҳои

илмӣ-таҳқиқотиаш ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» фаъолияти илмӣ намуда истодааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи педагогика Гулзода Р.Б. дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич ба анҷом расидааст.

**Мақсади таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани маҷмуи шароитҳои педагогии баланд бардоштан ва самаранокии ташаккули нуфузи омӯзгорон дар фаъолияти касбӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар муқаррароти зерин ифода меёбад:

- маҷмуи муқаррароте, ки заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули нуфузи омӯзгор муайян ва асоснок карда гардидааст;

- моҳият, мазмуну муҳтаво ва роҳу шароитҳои ташаккули нуфузи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шудаанд;

- ташаккули нуфузи омӯзгор дар шароитҳои педагогии муайян омӯхта шуда, аз лиҳози назариявӣ асоснок ва ба тариқи озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо исбот шудааст;

- ҷузъҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳи нуфузи омӯзгорон дар фаъолияти омӯзгорӣ аниқ карда шудааст;

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба ташаккули самараноки нуфузи омӯзгор дар фаъолияти педагогӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, мауйян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун натиҷаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар

чорабиниҳои илмӣ, ҷамъиятӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** муносибати амалии муаллифи рисола бо объектҳои таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумии дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим: омӯхтан ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ҳамчунин тавассути истифода аз методҳои эмпирикӣ-суҳбат ва саволномаҳо бо омӯзгорону хонандагон, таҳлилу таҳқиқи ҳуҷҷатгузорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таълимии омӯзгорони оянда, гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни омӯзиш бадастомада ва таҳлилу баррасии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, усулҳои ходарзёбӣ ва арзёбиҳои методҳои омории математикӣ ташкил медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) аз ҷумла, ба:

- банди 3.2. - Аппарати консептуалии педагогика, омӯзиши асосҳои методологии таълим ва тарбияи шахс;
- банди 3.3. - Мавқеъ ва нақши педагогика дар ҳаёти маънавии ҷомеа, инсон ва донишҳои илмӣ;
- банди 4.1.1. - Муайян намудани шароити оптималии ташаккули шахсият дар раванди таълим;
- банди 7.1. - Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навгониҳои педагогӣ;
- банди 7.1.1. - Тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбӣ ва педагогии омӯзгор, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 9 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 6 номгӯй аз

онҳо дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

**1.Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:**

[1-М] Гулов Р.Б. Роҳҳои ташаккулёбии маҳорат, қобилият, санъат ва сифатҳои муҳими касби омӯзгорӣ / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав.- 2021, № 1/2 (86). - С. 79-84. ISSN 2663-5534.

[2-М] Гулов Р.Б., Қурбонов Ф.А. Омӯзгор ва раванди ташаккулёбии сифатҳои шахсию касбӣ ва обрӯю нуфузи ӯ дар ҷомеаи муосир / [Матн] // Р.Б. Гулов., Ф.А. Қурбонов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав, 2021, №1/3 (89). - С. 114 -119. ISSN 2663-5534.

[3-М] Гулов Р.Б. Омӯзгор - ҳидоятгару роҳнамои шогирдон / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - 2021, №1/2 (98). - С. 115 -118. ISSN 2663-5534.

[4-М] Гулов Р.Б. Омӯзгор - саҳмгузори рушди неруи ақлонӣ / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- 2022, №2. - С. 203 - 209. ISSN 2074-1847.

[5-М] Гулов Р.Б. Қобилият ва маҳорати педагогии омӯзгор / [Матн] // Р.Б. Гулов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2024, №7.- С. 252 - 258. ISSN 2074-1847.

[6-М] Гулов Р.Б., Қурбонов Ф.А. Мақом, манзалат ва вазифаҳои омӯзгор / [Матн] // Р.Б. Гулов, Ф.А. Қурбонов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав, 2024, №1/2 (122) - С. 115 -118. ISSN 2663-5534.

**2. Мақола ва маводҳое, ки дар дигар мавҷмуа ва маводи конференсияҳо ба чоп расидаанд:**

[7-М] Гулов Р.Б. Мақому манзалати омӯзгор дар ташаккули фарҳанги ниёгони мо // Материалы Международной научно-практической

конференции «Актуальные проблемы (современного образования» (часть 3). - г. Душанбе -2022. С.58-63.

[8-М] Гулов Р., Нозимов Б.М. Фаъолнокии омӯзгор - омили тақвият ба рушди касбӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона» (15 – апрели соли 2024). - Душанбе - 2024.71-76

[9-М] Гулов Р. Омӯзгор - афрӯзандаи чароғи дурахшони илму дониш ва роҳнамову роҳкушои аҳли башар. // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ - назариявӣ. -Душанбе, 2024. С. 50-53.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»

**қ а р о р к а р д:**

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» кори илмии мустақилонаи муаллиф, ки дар он унвонҷӯ ба ҳалли вазифаҳои пеш бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гузошташуда ноил шудааст, бaанҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Гулзода Рамазон Боймаҳмад дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули нуфузи омӯзгор дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи

умумӣ» ба талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, ҷиҳати дифоъ тавсия дода мешавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», №2 В аз 12.10.2024 қабул гардидааст. Дар ҷаласа 21-нафар иштирок доштанд.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ:**
**Тарафдор - 21 нафар;**
**Зид - нест;**
**Бетараф - нест.**

Раиси ҷаласаи кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Бобоева Г. Ш.

Котиби ҷаласа, номзади
илмҳои педагогӣ, саромӯзгор Каримова М. М.

Имзои Г.Ш. Бобоева ва М.М. Каримоваро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, к. Айнӣ 67
Тел:(+992-3222) 2-54-81 bgu-1978@mail.ru